**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбакович дар мавзуи «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Мавзӯи диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбакович ба яке аз мушкилоти мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ - ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Унвонҷӯ мавзӯро дар сатҳи хеле баланди илмӣ таҳлил намуда, натиҷаҳои бадастовардааш барои рушд ва такмили қонунгузории соҳа ва низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ хеле судманд мебошанд. Таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки ин ақидаҳо ва хулосахои илмӣ бори дигар, бо дарназардошти инкишофи ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, оид ба паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавкеи муаллиф муайян карда шавад. Дар рисола мафҳумҳои нави илмӣ, пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил додани конунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар соҳаи мазкур пешниҳод гардидааст.

Бартарияти дигари таҳқиқоти анҷомдодашуда дар он аст, ки он на танҳо ба таҳлилҳои назариявӣ ва илмии мавҷуда, балки таҷриба ва дастовардҳои амалия, махсусан амалияи судӣ такя менамояд. Таҳлилҳои амиқи илмӣ, асосноксозии нуктаҳои илмӣ бо ғояву афкори олимони варзидаи ватанва хориҷӣ, такя ба амалияи судӣ ва ғайра имкон додаанд, ки мавзӯи таҳқиқот хуб анҷом дода шавад. Аҳамияти рисолаи барои кишвари мо дар он аст, то имрӯз масалаи мазкур дар Тоҷикистон мавриди тахақиқоти комили диссертатсионӣ қарор нагирифтааст.

Асоси назаривии диссертатсияро корҳои илмӣ—пажуҳишие ташкил медиханд, ки ба масъалаҳои умумии ҷазои ҷарима, таърихи он, мафҳум ва

моҳияти ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ, танзими қонунии андозаи ҷазои ҷарима, тартиб ва меъёрҳои ҳисоби он, ҷарима ҳамчун ҷазои иловагӣ, аз тарафи судҳо татбиқ гаштани ҷарима ҳамчун намуди ҷазо бахшида шудаанд.

Таваҷҷуҳи олимони зиёд ба проблемаи мазкур аз мубрам будани он далолат мекунад. Аммо мавзӯи мазкур ҳамчун самти мустақили таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон то ба имрӯз таҳлил нашудаанд. Диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбакович бо мақсади таҳлили масъалаи мазкур ба иҷро расидааст. Рисола дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ- таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст.

Мақсади таҳқиқоти илмӣ таҳлили проблемаҳои назариявӣ, амалӣ ва муқарароти қонунгузорӣ, ки ҷазои ҷаримаро ба танзим медароранд, ба ҳисоб рафта, дарёфти роҳҳои ҳал ва пешниҳоди тавсияву таклифҳоро оид ба мукаммал гардонидани қонунгузорӣ фаро мегирад. Бо дарназардошти мақсади мазкур дар диссертатсия вазифаҳои мушаххаси таҳқиқоти илмӣ гузошта шудаанд.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия аз он далолат мекунанд, ки мақсад ва вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд. Илова бар ин, тибқи мақсад ва вазифаҳои сохти мантиқии таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ интихоб шудааст. Он имкон дод, ки таҳқиқоти мантиқӣ ва муттасили илмӣ анҷом дода шавад.

Дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ мавриди корбаст қарор гирифтааст. Аз ҷумла усулҳои умумиилми диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок, пешгуии илмӣ, ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез дар диссертатсия ифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ бошад, усули шаклӣ- мантиқӣ, таърихӣ- ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ- ҳуқуқӣ бештар кор бурда шудаанд. Корҳои илмӣ- назариявии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни танзими ҳуқуқи ҷиноятии ҷазои ҷарима, пажӯҳишҳои соҳавӣ ва маводҳои назариявӣ- амалии мақомоти давлатӣ, ки ба маъалаи мазкур бахшида шудаанд ташкил медиҳанд. Ҳамаи онҳо навгонии илмии

таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд.

Дар диссертатсия тамоми паҳлӯҳои ҳуқуқи ҷиноятии ҷазои ҷарима таҳқиқ шудааст. Чунончи, рисоланавис маҷмуи масъалаҳои зеринро баррасӣ кардааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб меёбанд: рушди танзими ҳуқуқи ҷиноятии ҷазои ҷарима дар давраҳои муаяни таърихӣ ва замони муосир мариди таҳлил қарор гирифтааст; мафҳум ва моҳияти ҷазои ҷарима ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст; танзими қонунии андозаи ҷарима, тартиб ва меъёрҳои ҳисоби он асоснок шудааст; ҷарима аҳамчун чораи ҷазои иловагӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст; аз тарафи судҳо татбиқ гаштани  ҷарима ҳамчун намуди ҷазо таҳлил карда шудааст; тартиби иҷрои ҷазо дар намуди ҷарима муаян шудааст; масъалаҳои саркашӣ намудан аз пардохти ҷарима ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ ва оқибатҳои он пешбинӣ гардидаст.

Онҳо сатҳи кофии навгонии илмӣ дошта, аз саҳми муаллиф дар таҳқиқи проблемаҳои ҷазои  ҷарима далолат мекунанд. Бар замми ин, дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ақидаҳо ва хулосаҳои муаллиф пешниҳод карда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии онҳо дар хулосаи диссертатсия ифодаи худро ёфтаанд.

Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 13 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки хаҷми умумии 49,5 ҷузи чопиро ташкил медиҳад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳои назариявии кафедра, факултет ва конфронсхои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар шакли маърузаи илмӣ пешкаш шудаанд. Навгонии илмии диссертатсия, нуктахои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниход шудаанд, мақолахои илмӣ ва маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия далолат мекунанд.

Мирзоев Садриддин Талбакович ассистенти кафедра буда, аз фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дарсҳои лексионӣ ва амалӣ бурда, таҷрибаи омӯзгорӣ дорад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ зимни омода намудани матни лексияҳо, аз он ҷумла лексияҳои электронӣ истифода мешаванд. Муаллиф қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлили ҳаматарафа ва танқидии нуктаҳои назари илмӣ, асоснок намудани ақида ва мавқеи хешро дорад. Ҳамаи ин имкон дод, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад.

Таҳқиқоти диссертатсионии ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгу аст.

Аз ин ру, таҳқиқоти анҷомдодаи Мирзоев Садриддин Талбакович дар мавзуи «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои хукукшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**Имзои Шарипов Т.Ш.-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**